**СУРАТҶАЛАСАИ**

**ҷаласаи шӯрои диссертатсионии 6Д. КОА-055 дар назди**

**Донишгоҳи миллии Тоҷикистон**

**аз 12 сентябри соли 2020 № 20 ш. Душанбе**

Баъд аз шунидан ва муҳокима намудани диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор, тақризи роҳбари илмӣ – н.и.и., дотсент Калемуллоев М.В.; тақризи муассисаи тақриздиҳанда – Донишкадаи сайёҳӣ, соҳибкорӣ ва хизмат; тақризҳо ва баромадҳои муқарризони расмӣ: доктори илмҳои иқтисод, профессор Ризоқулов Т.Р ва номзади илмҳои иқтисод, дотсент Миразизов А.Ҳ.; баромади мутахассисон оид ба тахассуси диссертатсияи баррасишаванда д.и.и., профессор Қурбонов А.К., н.и.и., дотсент Боҳирова Х.С., н.и.и., дотсент Ҳайдаров А.И., ба сифати муқарризони ғайрирасмӣ д.и.и., дотсент Иброҳимзода И.Р., н.и.и., дотсент Маҳмадалиев Ф.С, шӯрои диссертатсионии 6Д.КОА-055 дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ ва хулосаи аз тарафи аъзои Шӯрои диссертатсионӣ қабулгардида оид ба саҳеҳият, навгонии илмӣ, аҳамият ва хулосаҳои диссертатсия, инчунин натиҷаи корҳои нашршуда доир ба мавзуи диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Диссертатсияи Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор пешниҳод шудааст, ба талаботи муқаррнамудаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон нисбат ба диссертатсияҳои номзадӣ тибқи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ (дотсент ва профессор)», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, № 505 тасдиқ гардидааст, ҷавобгӯ мебошад;

2. Автореферати диссертатсия ва интишороти муаллиф пурра мазмуну моҳияти таҳқиқотро инъикос менамоянд;

3. Ба Солиев Беҳрузҷон Назарович дар мавзӯи «Таҳлили иқтисодӣ-омории таъсири шартҳои қарзи бонкӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ», ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ аз рӯи ихтисоси 08.00.12- Ҳисоби муҳосибӣ, аудит ва омор дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ дода шавад;

4. Аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад, ки қарори шӯрои диссертатсиониро ҷонибдорӣ намояд ва Солиев Беҳрузҷон Назаровичро бо дипломи номзади илмҳои иқтисодӣ сарфароз гардонад.

Кӣ тарафдори қарори шӯрои диссертатсионӣ мебошад, хоҳишмандам овоз диҳед. Муқобил? - нест, Бетараф? - нест. Якдилона қабул гардид.

Раиси шӯро: иҷозат диҳед унвонҷӯро барои ҳимояи бо муваффақияти диссертатсия табрик намоям ва ба ҳамаи аъзои Шӯрои диссертатсионӣ барои кори пурмаҳсулашон изҳори ташаккур намоям.

Бо ҳамин ҷаласаи навбатии Шӯрои диссертатсионӣ пӯшида эълон мегардад.

**Раиси Шӯрои диссертатсионӣ,**
**доктори илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.Ф. Низомов**

**Котиби илмии шӯрои диссертатсионӣ,**
**номзади илмҳои иқтисодӣ, дотсент** **С.С. Мирзоев**

**12.09.2020.**